**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КУМИТАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТИ**
**НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

03.06.2024 сол ш. Душанбе №78

Дар бораи Қоидаҳои
боздиди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда

210.010.130.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» ва банди 10 Низомномаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2021, №357 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қоидаҳои боздиди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Муассисаи давлатии «Ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда»-и Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он амалигардонии фармоиши мазкурро таъмин намоянд.
3. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
4. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Кумита – сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

Раиси Кумитаи ҳифзи
муҳити зисти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Шерализода Баҳодур Аҳмадҷон

Замима
ба фармоиши раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми июни соли 2024-ум, №78.

# Қоидаҳои боздиди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои боздиди ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда (минбаъд - Қоидаҳои мазкур) дар асоси қисми 3 моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» таҳия гардида, қоидаҳои боздиди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда бо мақсади сайёҳии экологӣ муайян менамояд.

2. Амали Қоидаҳои мазкур нисбат ба ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҲТММ) татбиқ мешавад.

## 2. САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ

3. Сайёҳии экологӣ дар ҲТММ яке аз намудҳои махсуси фаъолияти сайеҳӣ мебошад, ки ҳадафи асосии он маърифати экологӣ, шиносоӣ бо минтақаҳои табиӣ, фарҳангӣ ва тамошобоб мебошад.

4. Ташкили бевоситаи корҳо оид ба рушди сайёҳии экологии ҲТММ аз ҷониби воҳидҳои сохторӣ ва шуъбаи рушди сайёҳии экологӣ ва муносибатҳои байналмилалии Муасисаи давлатии «Ҳудудҳои таби махсус муҳофизатшаванда» (минбаъ - Муассиса) амалӣ карда мешаванд.

5. Принсипҳои асосии сайёҳии экологӣ аз инҳо иборат мебошад:

- истироҳат ва саёҳат дар табиат, шиносоӣ бо олами ҳайвонот, урфу одат ва фарҳанги маҳаллӣ;
- паст кардани хусусияти манфии экологӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ, нигоҳ доштани устувории экологии муҳити зист;
- маълумот ва маърифати экологӣ.

6. Аз рӯйи хусусиятҳо фаъолияти сайёҳии экологӣ шартан ба сайёҳии илмӣ, таълимӣ ва фароғатӣ ҷудо карда мешавад.

7. Ба сайёҳии илмии экологӣ таҷрибаомӯзии саҳроии тобистонаи донишҷӯён, орнитологӣ, биологӣ, таърихию фарҳангӣ, этнографӣ, геологӣ, сайёҳӣ ва дигар намудҳои сайеҳӣ дохил мешаванд, ки ба омӯзиши табиати минтақаҳо ва объектҳои кам омӯхташуда аз ҷониби олимон ва шаҳрвандон равона шудаанд.

8. Сайёҳии таълимӣ метавонад хатсайрҳои зеринро дар бар гирад:

- мушоҳидаи ҳайвонот ва парандаҳо дар табиат;
- шиносоӣ бо объектҳои зебо ва беназири табиӣ, бо намудҳои Китоби сурх;
- шиносоӣ бо объектҳои археологӣ, этнографӣ ва палеонтологӣ;
- сайёҳат, хатсайрҳои экологӣ барои дӯстдорони видео, аксбардорӣ ва ғайра.

9. Сайёҳии экологии фароғатӣ истироҳати берунӣ мебошад. Сайёҳии фароғатӣ метавонад фаъол (як намуди сайёҳии «саргузаштӣ») ва ғайрифаъол бошад. Шаклҳои фаъоли он роҳгардӣ, аспсаворӣ ва лижаронӣ, кӯҳнавардӣ, гаштугузор дар ғорҳо, намудҳои зиёди саёҳати кӯҳӣ ва обӣ мебошанд. Шаклҳои ғайрифаъолонаи сайёҳии фароғатӣ истироҳат дар хаймаҳо, сайру саёҳатҳои кӯтоҳмуддат ва моҳидорӣ мебошад, ки дар асоси принсипҳои устувори экологӣ амалӣ карда мешаванд.

## 3. ТАРТИБИ БОЗДИДИ ҲТММ

10. Мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2024, №200 «Дар бораи Андоза ва тартиби пардохти музди сайёҳии экологӣ дар ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» боздиди ҲТММ музднок мебошад. Асос барои боздиди ҲТММ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мавҷуд будани гузарнома барои воридшавӣ ба ҲТММ мебошад.

11. Боздиди ҲТММ танҳо пас аз шинос шудан бо Қоидаҳои мазкур, дастурҳои техникаи бехатарӣ ва гузоштани имзои иштирокдорон иҷозат дода мешавад.

12. Сайёҳони ҲТММ уҳдадоранд:

- ба комплексҳои табиии ҲТММ эҳтиёткор бошанд;
- ба ҳайвонот эҳтиёткор бошанд, лонаҳои парандагонро вайрон накунанд, омилҳои ташвишоварро истисно намоянд, хусусан дар давраи ҷуфтшавӣ ва наслдиҳӣ;
- реҷаи нигоҳубин ва ҳифзи ёдгориҳои табиӣ, бостоншиносӣ, таърихӣ ва фарҳангиро риоя намоянд;
- аз пайроҳаҳои мавҷуда, ҷойҳои таваққуф, оташдонҳои кухна ё ҷойҳои махсуси барои гулхан афрохтан, пайроҳаҳои нав ва иншооти инфрасохторӣ танҳо бо иҷозати маъмурияти ҲТММ истифода баранд;

- партовҳои ғизоӣ, маишӣ, техникии худро аз ҳудуди ҲТММ мустақилона бароранд. Дар нуқтаҳои назоратӣ ё марказҳои таълимӣ партовҳои бастубандишударо ба нозир ё дигар шахси масъул супоранд.

13. Ҳангоми сафар вобаста ба намуди ҲТММ ва низоми муқарраршудаи ҳифз иҷозат дода мешавад:

- ҳаракат бо нақлиёт дар роҳҳои истифодаи умум ва махсус, дар обанборҳо бо киштии шинокунанда дар мувофиқа бо Муассиса;
- таваққуфгоҳи воситаҳои нақлиёт дар ҷойҳои махсус муайяншуда;
- гузаронидани экскурсияҳои муташаккил ва сайругашти сайеҳӣ, дар хатсайрҳо ва пайроҳаҳои пешакӣ муқарраршудаи сайёҳӣ, бо ҳамроҳии роҳбалади сайёҳӣ ё нозирҳои ҲТММ;
- ҷамъоварии гиёҳ ва буттамеваҳои худрӯй барои истифодаи шахсӣ;
- ҷамъоварии растаниҳои ороишӣ ва шифобахш, тартиб додани гербарӣ ва комплексҳои биологӣ дар ҲТММ барои истифодаи шахсӣ;
- ҷамъоварии шохаҳои хушку афтидаи дарахтон барои гулхан афрохтан;
- фуруд овардани дастгоҳҳои парвозӣ бо иҷозати Муассиса дар хатҳои парвози муҷаҳҳазшуда.

14. Дар ҲТММ манъ аст:

- будубош дар ҲТММ, бидуни гузарнома барои воридшавӣ ба ҲТММ;
- баромадан ва гузариш берун аз роҳҳои мошингарди истифодаи умум ё пайраҳаҳои махсуси экскурсионӣ ва хатсайрҳои сайёҳӣ ва роҳҳои саҳроии ҲТММ;
- вуруди автомобилҳо бо садохомӯшкунаки мустақим ва корношоям, автомобилҳои дорои вазни зиёда аз 3500 тонна, ҳама намуди тракторҳо, инчунин мотосиклҳо, квадросиклҳо, мошинҳои барфӣ;
- ташкили таваққуфгоҳи автомобилӣ ва дигар воситаҳои механикӣ берун аз ҷойҳои муқарраршуда;
- насб кардани хаймаҳо берун аз ҷойҳои барои ин мақсадҳо муқарраршуда;
- таваққуф ва шустани нақлиёти автомобилӣ ва дигар воситаҳои механикӣ дар соҳили дарёҳо ва обанборҳо;
- зарар расонидан ба унсурҳои ободонӣ, нишонаҳо, шлагбаумҳо, аншлагҳо, нишонаҳои иттилоотӣ ва стендҳо, таҷҳизоти таваққуфгоҳҳо, биноҳо, вайрон кардани молу мулк, гузоштани навиштаҷот ва аломатҳо дар дарахтон ва сангҳо;
- ҷамъоварии саноатии растаниҳои худрӯй;
- буридани дарахту буттаҳои ҷангал;
- дар обанборҳо гӯронидан (ё) партофтани партовҳои ғизоӣ, маишӣ ва техникӣ;
- бо силоҳи травматикӣ, пневматикӣ ва оташфишон қарор доштан;

- истифодаи воситаҳои синтетикӣ ҳангоми истифодаи обанборҳои табиӣ;
- ҳамаи намуди шикор, моҳидорӣ бо тӯр.

15. Мавҷудияти ҳама гуна силоҳ ва асбобҳои моҳидорӣ (ғайр аз чангакҳои моҳигирӣ ва спинингҳо), аз боздидкунандаи ҲТММ вайрон кардани реҷаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи сарватҳои табиӣ мебошад.

## 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

16. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя намудани Қоидаҳои мазкур масъул мебошанд.